## ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии дар ҳимояи диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

1. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» пеш аз ҳама бо афзоиши таҳдидҳои экстремизм ва таъсири манфии он ба амнияти миллӣ, суботи ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоӣ, шаклҳо ва усулҳои фаъолияти экстремистӣ мураккабтар гардида, ошкор, пешгирӣ ва тафтиши ин гуна ҷиноятҳо аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ донишу малакаҳои муосири криминалистиро талаб менамояд. Ин вазъ зарурати таҳияи асосҳои илмӣ ва методологии такмили усулҳои тафтишро ба миён меорад. Бо вуҷуди он ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи тафтишотӣ масъалаҳои марбут ба мубориза бар зидди экстремизм мавриди танзим қарор доранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соҳаи криминалистика, махсусан дар қисмати усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, камбудиҳои назариявӣ ва амалӣ ҷой доранд. Норасоии тавсияҳои илмӣ оид ба банақшагирии тафтиш, тактикаи амалҳои тафтишотӣ, истифодаи воситаҳои криминалистӣ, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти тафтишотӣ бо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва судӣ-экспертӣ самаранокии ошкор ва исботи чунин ҷиноятҳоро коҳиш медиҳад. Дар ин замина, таҳқиқоти пешниҳодшуда дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пурра мутобиқ мебошад. Натиҷаҳои илмии

диссертатсия метавонанд барои рушди назарияи криминалистика, такмили амалияи тафтишоти пешакӣ, омодасозии кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ саҳми назаррас гузоранд. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертстсионии 6D.KOA-043 назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқат мекунад. Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки бори аввал дар таҷрибаи илми криминалистика Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили мукаммали тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот холигии мавҷудаи назариявию амалиро пур намуда, муносибати низомиро ҷиҳати омӯзиши омилҳои истифодаи усулҳои криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишон дар раванди тафтиши ҷиноят пешниҳод менамояд.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслихиддин истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт

ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. –

Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043 назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судии» Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

– **Самиев Назар Мурадович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе)таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Шарипов Т.Ш.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Искандаров З.Ҳ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори шуъбаи экспертизаи судӣ-балистикии
РТК ВКД, подполковники милитсия. — Назаршо Ф.Ю.

Имзоҳои Шарипов Т.Ш. ва Искандаров З.Ҳ.,-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

Имзоҳои Назаршо Ф.Ю.– ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати
шахсии ВКДҶумҳурии Тоҷикистон
генерал -майори милитсия — Халилзода Ҳ.С.

«10» 02 2026 с.